***ТДУ 371.9***
***DOI:10.24412-2077-4990-2024-178-86-91***

# ХУСУСИЯТҲОИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИР ДАР ТАКМИЛИ РАВАНДИ ДОНИШАЗХУДКУНИИ ХОНАНДАГОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД

***Раҳмонов Зикриё Пӯлотович**, н.и.п., дотсент; **Ғаффорова Сурайё Пӯлотҷоновна**, муаллимаи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети педагогии МТД "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# ОСОБЕННОСТИ СОВРЕМЕННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ПРОЦЕССА ОБУЧЕНИЯ УЧАЩИХСЯ С ОГРАНИЧЕННЫМИ ВОЗМОЖНОСТЯМИ

***Рахмонов Зикриё Пулатович**, к.п.н., доцент; **Гаффорова Сурайё Пулотджоновна,** преподаватель кафедры профессиональной педагогики и психологии педагогического факультета ГОУ «ХГУ имени акад. Б.Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

# FEATURES OF MODERN TECHNOLOGIES FOR IMPROVING THE LEARNING PROCESS OF THE READER WITH DISABILITIES

***Rakhmonov Zikriyo Pulatovich**, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor; **E-mail**:rahmonov.@mail.ru; **Gafforova Surayo Pulotjonovna**, Lecturer of the Department of Professional Pedagogy and Psychology, Pedagogical Faculty, SEI "KhSU after acad. B. Gafurov" (Tajikistan, Khujand)*
***E-mail:**sgaforova-92@mail.ru*

***Калидвожаҳо:** таълим, инкишоф, норасоӣ, технология, дониш, имконияти маҳдуд, корҳои ислоҳӣ, солимгардонӣ, таълими муаммовӣ, нуқсон, нуқсоншинос*

*Дар мақола хусусиятҳои технологияҳои муосири таълим дар донишазхудкунии хонандагони имкониятшон маҳдуд таҳлил шудааст. Муаллиф дар чунин ақидаанд, ки ҳангоми бомақсад истифода бурдани технологияҳои муосири таълим бо хонандагони имкониятшон маҳдуд дар раванди таълиму тарбия, интихоб намудани принсипу воситаҳои дидактикӣ, ташкили саривақтии корҳои ислоҳӣ имкон медиҳад, ки дар фаъолияти ва такмили донишазхудкунии онҳо пешравиҳо пайдо шаванд. Зеро ташкили дурусти таълиму тарбия ва корҳои ислоҳӣ ба хонандагони имкониятшон маҳдуд имкон медиҳад, ки онҳо аз ҷиҳати равонию ҷисмонӣ ва зеҳнӣ ҳаматрафа инкишоф ёбанд. Муаллиф намудҳои технологияҳои махсуси таълим ва хусусиятҳои онҳоро доир ба инкишофи қобилияти зеҳнӣ ва донишазхудкунии хонандагони имкониятшон маҳдуд ҳамчун намуна пешниҳод намуда, мавқеи ҳамкории муаллим ва нуқсоншиносонро дар ин самт муайян намудааст.*

***Ключевые слова:** развитие, недостатки, эмоция и чувства, коррекционные работы, оздоровительный, логопедические занятия, терапия, сенсорный, моторный, головной мозг, дефект, дефектолог*

*В статье анализируются особенности современных образовательных технологий в обучении студентов с ограниченными возможностями. Автор придерживается мнения, что при целенаправленном использовании в процессе обучения современных образовательных технологий со студентами с ограниченными возможностями, выборе дидактических принципов и средств, своевременной организации коррекционной работы можно добиться прогресса в деятельности и развитии учащихся, в приобретении ими знаний. Это связано с тем, что правильная организация учебно-коррекционной работы дает учащимся-инвалидам возможность развиваться психологически, физически и интеллектуально. Автор привел пример видов специальных образовательных технологий и их характеристик в части развития интеллектуальных способностей и приобретения знаний обучающихся с ограниченными возможностями, а также определил позицию сотрудничества педагога и специалистов-дефектологов в этом направлении.*

***Key words**: development, deficiencies, disease, syndrome, autism, emotion and feelings, correctional work, health, speech therapy classes, therapy, diagnosis, sensory, motor, brain, defect, defectologist*

*The article analyzes the features of modern educational technologies in teaching the reader with disabilities. The author is of the opinion that with the targeted use in the process of teaching and training modern educational technologies with the reader with disabilities, the choice of didactic principles and means, timely organization of correctional work, it is possible to achieve progress in the activities and improvement of students. acquisition of knowledge. Because the correct organization of educational and correctional work gives the reader with disabilities the opportunity to develop psychologically, physically and intellectually. The author gave an example of types of special educational technologies and their*

*characteristics in terms of developing intellectual abilities and acquiring knowledge of the reader with disabilities, and also defined the position of cooperation between the teacher and disabled specialists in this direction.*

Таҳсилот дар ҳаёти ҷомеа ба нақше, ки дониши одамон, таҷриба, малакаю маҳорати онҳо, имкони инкишофи сифатҳои тахассусӣ ва шахсият дар рушди ҷомеа шароит пайдо мекунад. Мубрами технологияи татбиқи дастовардҳои илмиву техники ва технологияи муосир ба яке аз омилҳои муҳими рақобатпазир ва муассири нуфузи кишварҳо дар арсаи ҷаҳон табдил ва рушд меёбад.

Солҳои охир аз ҷониби давлат, олимон, омӯзгорон ва мутахассисони соҳаи маориф ба ҳама зинаҳои таҳсилот, бахусус ба таҳсилоти фарогирии хонандагони имконияти маҳдуди саломатӣ дошта, эътибори махсус дода мешавад. Яке аз масъалаҳои муҳим дар таҳсилоти фарогир ин ҷалби хонандагони имконияти маҳдуди саломатӣ дошта дуруст истифода бурдани асосҳои педагогии технологияҳои муосир ва омилҳо ба донишазхудкунии онҳо вобаста аст.

Имрӯзҳо бо кӯдаконе, дучор омадан мумкин аст, ки ба ҷуз камбудиҳои ҷисмонӣ дар онҳо камбудиҳои зеҳнӣ ва суст будани равандҳои маърифатӣ мушоҳида мешавад. Гурӯҳи муайяни ингуна кӯдаконро кӯдакони аутизмдошта ташкил медиҳад. Дар чунин кӯдакон бемориҳои якумдараҷа ва дуюмдараҷа мушоҳида карда мешавад. Бо баробари ин дар аксари онҳо норасоии нутқӣ ва зеҳнӣ дида мешавад.

Тадқиқоту мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки дар инкишофи тайёрии шахсони ба таълиму тарбияи хонандагони имконияташон маҳдуд аз назарияву амалия ва ҷанбаҳои таълимию методӣ шомил буда, роҳҳои истифодаи технологияҳои муосири таълими онҳоро дуруст дарк накардаанд.

Бояд гуфт, ки раванди асосҳои назариявӣ педагогӣ хусусан педагогикаи махсусро зарур аст, ки таҳсилоти фарогирро модул кунонида, технологияҳои навини донишазхудкунии хонандагони имконияташон маҳдуд ҷустуҷӯ намуд. Зеро дар чунин категорияи хонандагон равандҳои маърифатӣ аз ҷумла, инкишофи равонию ҷисмонӣ ва нутқашон суст инкишоф ёфта, мавқеи худро дар ҷомеа бо душворӣ пайдо мекунанд.

Оид ба масъалаи такмили технологияҳои муосири донишазхудкунии кӯдакони имконияташон маҳдуд таҳқиқоти Л.И.Акатов, Л.С.Виготский, Т.А.Власова, М.А.Поваляева, Л.Н.Ефименкова, Р.И.Лалаева, М.М.Безруких, Р.Е.Левина, Г.В. Соколенко Г.В., Ф.Ф.Рау. М.С.Певзнер, В.А.Лапшин, А.Р.Лурия, Б.П.Пузанов, З.П.Раҳмонов, А.Байзоев, А.Байзоев, Б.Маҷидова, М. Аюбова, И.Х.Каримова, Д.З. Раҳмонова ва дигарон хеле назаррас мебошад.

Л.И. Акатов қайд намудааст, "маҳз барои он, ки кӯдаки маъюб мисли кӯдаки муқаррарӣ ба донишгирӣ муваффақ шавад, бояд воситаҳои комилан махсус истифода шаванд"[1,с.81].

А. Байзоев қайд менамояд, ки таълимро дар муносибат ба ҳар як хонандаи алоҳида мутобиқ сохтан лозимаст, ки ӯ дар ҷараёни таълим ба гирифтани донишу маҳорат андозае мустақилона иштирок намояд[10,с.92]

Дар баланд бардоштани сифати таҳсилоти фарогир фаъолияти азхудкунии дониши хонандагони имконияташон маҳдуд нақши асосиро мебозад.

Донишазхудкунӣ - фаъолияти дарккуние, ки барои аз худ кардани дониш, маҳорат ва малакаҳо мусоидат менамояд. Раванди азхудкунии дониш майли равонӣ (психологӣ) дошта, ҳангоми фаъолияти таълимӣ ва амалии хонандагон дар шуури онҳо ҳамчун инъикоси таъсири педагогӣ зоҳир мегардад ва ба инкишофи ҳамаҷонибаи ҷаҳонбинии онҳо мадад мерасонад. Дар натиҷаи дуруст ва оқилона ташкил кардани раванди азхудкунии дониш азхудкунии дониш хонандагон системаи донишҳоро пурра аз худ мекунанд, равобити воқеӣ, вобастагии байни ашё ва воқеияти ҳодисотро инъикос намуда, ба воқеӣ будани олам сарфаҳм мераванд.

Ин масъала, ҳангоми ҷалби шахсони дорои хусусиятҳои хоси ҷисмонӣ ва зеҳнӣ ба муҳити иҷтимоии мо зоҳир мегардад. Бинобар ин, коркарди методикаи истифодаи асосҳои педагогии технологияҳои муосири таҳқиқи махсуси илмиро дар ташаккули фаъолияти донишазхудкунии хонандагони синфҳои ибтидоии имконияташон маҳдуд соҳаи таҳсилоти фарогир тақозо мекунад. Ин хулосаро на танҳо таҳлили адабиёти мавҷуда, балки таҷрибаи имрӯзаи гузаронидани дарсу машғулиятҳои инфиродӣ-ислоҳӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва мактаб-интернатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

"Қобили қайд аст, ки технологияи рушди таҳсилоти фарогир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва мактаб-интернатҳо раванди васеътари ҳамгироӣ мебошад, ки дастрасии баробар барои ҳама кӯдакон ва рушди таҳсилоти умумиро мутобиқ бо донишазхудкунӣ ва ниёзҳои гуногуни ҳама кӯдакон пешбинӣ мекунад" чунин мешуморад Г.В.Соколенко [8,с.94] Ин як ислоҳоти муассисаҳои таълимӣ, банақшагирии синфхонаҳо мебошад, то онҳо технология ва

талаботҳои ҳамаи хонандагони имконияташон маҳдуди саломатӣ доштаро бидуни истисно таъмин кунанд.

Самарабахшии таҳсил новобаста аз шакл сатҳу сифати онро бо роҳҳои гуногун баланд бардоштан мумкин аст: аз ҳисоби такмили ихтисоси омӯзгорон; аз ҳисоби такмили усули таълим ва технологияҳои муосир ва ғайра. Вале як ҷанбаи дигари баланд бардоштани самарабахшии таҳсилоти фарогир мавҷуд аст: тайёр намудани мутахассисони соҳаи педагогикаи махсус (сурдопедагогон, тифлопедагогон, логопед ва равоншинсони махсус) бо шаклҳои нави таълим муҷаҳҳаз сохтани раванди таълим мебошад. Ба ақидаи нуқсоншинос Н.Д. Соколова “Технологияҳои муосири таълим, ки дар назди ҳар як омӯзгор уфуқҳои нави имкониятҳои тадриси фанро боз мекунанд, аз ҷумлаи чунин шаклҳо ба ҳисоб меравand”[3,с.167].

Дар педагогикаи махсуси ватанӣ ҳоло муносибатҳои нав ба мазмуни таълими кӯдакони имконияташон маҳдуд, технологияҳои таълиму тарбияи онҳо, моделҳои муосири раванди педагогии ислоҳӣ-инкишофӣ ва дастгирии хонандагони дорои эҳтиёҷоти махсуси таълимӣ бо мақсади ҳалли масъалаи ба талаботи ҷамъияти ҳозира наздик кардани таълими махсус таҳия шудаанд.

Дар айни замон дар муассисаҳои таълимӣ технологияҳои муосири педагогӣ дар таълиму тарбияи кӯдакони имконияташон маҳдуд, ки ба татбиқи стандартҳои давлатии таълим нигаронида шудаанд, босуръат ҷорӣ карда мешаванд.

Имрӯз дар бораи технологияҳои таълимӣ ва истифодаи самараноки онҳо дар муассисаҳои таълимӣ бисёр фикру ақидаҳои педагогӣ ва психологӣ меравand. Бояд қайд намуд, ки технология ин маҷмӯи усулҳоест, ки дар ҳама гуна соҳа, чун маҳорат ё санъат истифода мешаванд.

Технология ва педагогика - маҷмӯи муносибатҳои психологияи педагогика, ки маҷмӯи махсус ва ҷойгиршавии шаклҳо, усулҳои таълим, воситаҳои тарбияро муайян намуда, маҳорати касбии педагогиро ифода менамояд.

Имрӯз зиёда аз сад технологияи таълимӣ мавҷуд аст ва мо метавонем он чизеро, ки ба мо лозим аст, дар фаъолияти худ дар таълиму тарбияи шахсони имконияташон маҳдуд истифода ва татбиқ карда тавонем. Аммо бояд гуфт, ки технологияҳои таълимӣ ҳангоми аз худ намудани донишҳо аз ҷониби кӯдакони имконияташон маҳдуд. хусусиятҳои хоси худро дорад.

Технологияҳои рушди сатҳи дониш, маҳорат, инкишоф ва ислоҳи нуқсонҳои рӯҳӣ ва ҷисмонии кӯдакони имконияташон маҳдуд, мусоидат намудан ба сатҳи донишазхудкунӣ ва барои такмили салоҳияти ҳаётии онҳо ва истифодаи технологияҳои муосир дар фаъолияти худ нигаронида шудааст.

Намудҳои технологияҳои махсус ва хусусиятҳои онҳоро дар баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагони имконияташон маҳдуд дар таълими фарогир бо роҳҳои зерин муайян кардан мумкин аст:

Ҷадвали 1

| т/№ | **Намудҳои технологияи таълими хонандагони имконияташон маҳдуд** | **Хусусиятҳои технологияҳои таълими хонандагони имконияташон маҳдуд** | **Натиҷаҳои корҳои ии ба дастомадаи хонандагони имконияташон маҳдуд** |
|---|---|---|---|
| 1. | **таълими тафриқавӣ “дифференцированный)** | вобаста ба қобилият ва хусусиятҳои фардии ҳар як хонанда сатҳҳои гуногуни азхудкунии маводи таълимӣ пешбинӣ карда мешаванд | Баланд бардоштани сатҳи қаноатмандӣ ё қаноатмандкунонӣ аз натиҷаҳои омӯзиши муаллимон ва хонандагони имконияташон маҳдуд |
| 2. | **таълими инфиродӣ** | модели ташкили раванди таълим, ки дар он: муаллим танҳо бо як хонанда муомила мекунад ва танҳо як хонанда бо воситаҳои таълимӣ ҳамкорӣ мекунад | Муносибати инфиродӣ имкон медиҳад, ки ба хусусиятҳои инфиродии кӯдак ҳангоми муошират бо ӯ ва раванди таълим диққат дода шавад. |
| 3. | **таълими муаммоӣ** | дар он хонандагон | Хонандагон мунтазам |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **(проблемавӣ)** | мунтазам ба раванди халли масъалаҳо ва вазифаҳои проблемавӣ вобаста ба донишазхудкунӣ дар асоси мазмуни маводҳои муаммовӣ ҷалб карда мешаванд. | ба иҷрои халли масъалаҳо дар азхудкунии мазмуни маводҳои таълим ворид мешаванд. |
| 4. | **таълими ба шахсияти хонанда нигаронида шуда** | таҳсилот, ки дар он шахсияти хонанда, қадршиносии ӯ дар мадди аввал гузошта шуда, инчунин фароҳам овардани шароити бароҳат, бидуни низоъ ва татбиқи иқтидори табиии ӯ. | Натиҷаи чунин омӯзиш бартараф кардани изтироб ва шиддат аст. |
| 5. | **таълими бозиҳои ислоҳнамоӣ** | шакли раванди таълим дар ҳолатҳои шартӣ, ки ба дубора эҳё кардан ва азхуд кардани таҷрибаи иҷтимоӣ бо тамоми зуҳуроташ: дониш, маҳорат, малака, фаъолияти эҳсосӣ ва арзёбӣ нигаронида шудааст. | Бозии дидактикӣ дар синф донишро пурра, амиқ ва васеъ мегардонад, воситаи инкишофи ҳамаҷонибаи кӯдак, қобилиятҳои равонӣ, зеҳнӣ ва эҷодии ӯ мебошад, эҳсосоти мусбатро бедор мекунад, ҳаёти як гурӯҳи хонандагонро бо мазмуни ҷолиб пур мекунад, ба тарбия ва худтаъкидкунии кӯдак мусоидат мекунад. |
| 6. | **сарфаи саломатӣ (здоровьесберегающие)** | ба хонанда имкон медиҳад, ки саломатиашро нигоҳ дорад. | Истифодаи технологияҳои сарфакоронаи таълим дар мактаби ислоҳӣ имкон медиҳад, ки бидуни хароҷоти махсуси моддӣ на танҳо сатҳи саломатии кӯдакони маъюб нигоҳ дошта шавад, балки самаранокии раванди таълим баланд бардошта шавад. |

Бо истифода аз технологияҳои гуногуни ислоҳӣ ва рушд, омӯзгорон метавонанд ба кӯдакон дар бартараф кардани мушкилот дар азхудкунии барномаи асосии таълимӣ кӯмак расонанд.

Технологияи якхела дар дасти иҷрогарони гуногун ҳар дафъа метавонад гуногун бошад. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллимони гуногун бо истифода аз як технология гуногун хоҳанд буд, зеро... интихоби технологияи мушаххас аз бисёр омилҳо вобаста аст: мавҷудияти сифатҳои шахсии муаллим, хусусиятҳои аҳолии хонандагон, синну соли онҳо, рӯҳияи умумӣ ва иқлими психологии онҳо дар синф, сатҳи омодагии онҳо, мавзӯи дарс, ва ғайра.

Дар баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи кӯдакони имкониятошон маҳдуд ҷорӣ намудани технологияҳои нави педагогӣ ва иттилоотӣ нақши калон мебозад.

Ҳангоми кор бо хонандагони имкониятошон маҳдуд барои ноил шудан ба динамикаи мусбат дар таълиму тарбия технологияҳои педагогии махсуси ислоҳӣ ва инкишофдиҳанда истифода мешаванд. Дар айни замон инкишофи педагогикаи махсус дар ҷустуҷӯи воситаҳо, шаклу усулҳои нави таълиму тарбияи хонандагони имкониятмаҳдуд мебошад. Муносибатхои

нави ташкили ин раванд доимо рушд меёбад. Имрӯзҳо ҳар як омӯзгор ва нуқсоншинос дар ҷустуҷӯи роҳҳои самарабахши такмили раванди таълим, роҳҳои баланд бардоштани ҳавасмандии хонандагон ба таълим ва такмили сифати донишазхудкунии онҳо мебошад.

Самти ислоҳии таълим, тарбия ва инкишофи кӯдакони дорои маълулияти гуногун таҳияи тадбирҳои махсуси педагогиро дар бар мегирад, ки ба ислоҳи (рафъи) норасоиҳои инкишофи рӯҳӣ ва ҷисмонию ҷуброни нуқсон онҳо нигаронида шудаанд. Вале муваффақияти кори ислоҳкунӣ танҳо дар ҳамон вақт пурра мегардад, ки ҳангоми ба амал баровардани он принципҳои дидиактикии мушаххас ба назар гирифта шаванд. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва томактабӣ бидуни ба назар гирифтани маълумоти ташхисӣ оид ба нуқсонҳои инкишофи хонандагон, сабабу дараҷаҳои беморӣ, синну соле, ки кӯдак ба ин нуқсон гирифтор шудааст, мавҷудияти шаклҳои мураккаб ва омехта ба таври касбӣ ташкил намудани раванди таълим ғайриимкон аст. Бо назардошти ҳамаи ин хусусиятҳо, ғайр аз самти ислоҳи раванди таълим истифода бурдани дигар принципҳои ислоҳкунии мушаххасро талаб мекунад.

Барои ба даст овардани натиҷаи оптималӣ дар шакли пурра ё қисман ҷуброни нуқсон, такмили азхудкунии дониш бояд ба раванди тарбия ва рушди ислоҳӣ дохил карда шавад. Вазифа аз он иборат аст, ки ба самараи максималӣ дар таълими корҳои ислоҳӣ барои такмили таълиму тарбия ва инкишоф ноил гардем. Он гоҳ самти ислоҳии таълим ба таври органикӣ ба ин равандҳои таълими махсус барои хонандагони ғайримуқаррарӣ дохил мешавад.

Умуман, тамоми роҳу воситаҳои такмили принсипҳои мушаххаси педагогикаи махсус бояд бо технологияҳои муосири таълим ва принсипҳои умумии дидактикии сохти раванди таълим алоқаманд бошанд. Бе ин алоқа ва вобастагии байниҳамдигарии муаммоҳои таълими махсуси хонандагони имкониятмаҳдудро бомуваффақият ба амал баровардан, усулҳои фаннии таълимро бомақсад ҳал кардан мумкин нест. Танҳо татбиқи ҳаматарафаи роҳу воситаҳои технологияҳои муосири таълимӣ ва умумии дидактикӣ имкон медиҳад, ки сатҳи донишазхудкунии хонандагони имкониятмаҳдудро такмил диҳад. Ин ба ташаккули тафаккури нави педагогӣ, қобилияти дар муносибатҳои диалектикӣ татбиқ намудани онҳо, ҳамаҷониба ва мунтазам баррасӣ кардани онҳо, бо назардошти камбудиҳои хонандагони имкониятмаҳдуд, имкони воқеии такмил ва азхудкунии дониш мусоидат мекунад.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Акатов, Л.И. Социальная реабилитация детей с ограниченными возможностями здоровья/Л.И.Акатов.– М.: ВЛАДОС, 2003. – 368 с.
2. Власова, Т.А. О детях с отклонениями в развитии/Т.А.Власова, М.С.Певзнер.- М.: Провещение, 1973.- 175с.
3. Дети с ограниченными возможностями: проблемы и инновационные тенденции в обучении и воспитании. Хрестоматия по курсу «Коррекционная педагогика и специальная психология»/Сост.Н.Д.Соколова,Л.В.Калинникова.-М.:Издательство ГНОМ и Д,2001.-448 с.
4. Дети с ограниченными возможностями: проблемы и инновационные тенденции в обучении и воспитании. Хрестоматия. – М.: ООО «Аспект», 2005.-228с.
5. Парамонова, Л.Г. Логопедия для всех/Л.Г.Парамонова.-М.: СПБ.:Питер, 2010.-416с.
6. Раҳмонов, З.П.Асосҳои педагогика ва псиолгяи махсус/ З.П.Раҳмонов,Д.З.Раҳмонова.- Хуҷанд. Нури маърифат, 2020.-224с.
7. Раҳмонов, З.П.Назария ва амалияи фанни логопедия/ З.П.Раҳмонов, Д.З.Раҳмонова.- Хуҷанд, 2014.-132с.
8. Соколенко, Г.В. Информационные технологии в образовании учащихся с ограниченными возможностями здоровья/ Г.В. Соколенко, //Коррекционная педагогика. Теория и практика. -2013.-№4.-С.83-87.
9. Таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ). Дастури методӣ. Таҳти назари Байзоев Азим. –Душанбе. Ирфон.2013.-224с.


**REFERENCES:**


1.Akatov L.I. Social rehabilitation of children with disabilities. - M.: VLADOS, 2003. - 368 p.
2.Vlasova T.A., Pevzner M.S. About children with developmental disabilities. - M.: Enlightenment, 1973.- 175 p.
3.Children with disabilities: problems and innovative trends in training and education. Reader for the course "Correctional Pedagogics and Special Psychology" / Comp. N.D. Sokolova, L.V. Kalinnikova. - M.: Publishing House GNOM i D, 2001.-448p.
4.Children with disabilities: problems and innovative trends in training and education. Reader. - M.: Aspect, 2005.-228 p.

5.Paramonova L.G. Speech therapy for everyone. - M .: SPb .: Piter, 2010. - 416 p.
6.Rakhmonov Z.P., Rakhmonova D.Z. Fundamentals of special pedagogy and psychology. – Khujand: The Light of Enlightenment, 2020. - 224 p.
7.Rakhmonov Z.P., Rakhmonova D.Z. Theory and practice of the subject of speech therapy. Khujand: Meroj, 2014. -132 p.
8.Sokolenko G.V. Information technologies in the education of students with disabilities//Correctional pedagogy. Theory and practice. -2013. - №4. P. 83-87.
9.Inclusive education. Methodological recommendations. Edited by Azim Bayzoev. -Dushanbe: Irfon, 2013. - 224 p.